**Тақриз**

**ба автореферати Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзӯи "Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус" аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – (забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, 2022. -75саҳ.**

Забон баёнгари таъриху саргузашти инсоният аст. Забон - ҳодисаи иҷтимоист ва ташаккулу инкишофи он ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии соҳибзабонон вобастагии зич дорад.

Илми наҳв барои шинохту муайян кардани иллату нуқси тарзи гуфтору баён, саҳеҳии он чун раҳнамо хизмат менамояд. Наҳв мизони каломи мансур аст. Яъне ҳамаи мушкилоти забониро ҳал менамояд.

Аз таҳқиқи осори насрии ин давра маълум гашт, ки насри ин давра сода ва равон буда, яъне холӣ аз беҳудагӯиҳо ва калимаҳои сабукмаъно мебошад. Ин шева аз ибтидои пайдоиши насри форсӣ рушд меёфт ва дар асри XI дар тараққӣ ва такомул буд. Аз асарҳои насрии асри XI «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус ба шеваи сода ва дилпазир навишта шудааст. Ба ғайр аз содагиву равонии забон «Қобуснома» асари ахлоқӣ буда, аҳамияти тарбиявӣ низ дорад.

Бори нахуст дар забоншиносии тоҷик "Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус" аз тарафи Давлатов Абдулмаҷид Нурович мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки оид ба вижагиҳои наҳвии яъне тарзи ибораороӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаю мураккаби насри асри XI дар асоси маводи «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус пажуҳише анҷом диҳад.

Мақсади асосии муҳақиқ вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

– баррасии вижагиҳои ибораороӣ дар «Қобуснома»;

– нишон додани воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома»;

– муайян кардани вижагиҳои сараъзо ва аъзои пайрав дар асар;

– таҳқиқи ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва сохт;

– муайян намудани вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»;

– нишон додани вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ;

– фарқи хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома» аз забони муосир.

Дастовардҳои илмии ин таҳқиқ дар ҳалли як қатор масоили назариявии наҳви забони адабии муосири тоҷик судманд аст, ҳамчунин

муқоисаи маводи таҳлилгардида барои муайян кардани раванди инкишофи воҳидҳои наҳв, ба мисли ибора, ҷумла дар давраҳои гуногун аҳамияти илмию амалӣ дорад. Низоми муайянгардидаи таҳлили наҳвии забони «Қобуснома» барои таҳқиқоти минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун асос ва замина хидмат намояд.

Дар фишурдаи рисола аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ. аҳамияти илмию амалии рисола, сохтор ва ҳаҷми рисола таҳлилу баррасӣ шудааст.

Рисола аз ду боб фаслҳо ва зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 169 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар рисола 5 расму 6 диаграмма оварда шудааст.

Боби якуми рисола «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» унвон дошта, дар он сухан аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода рафта, аз 5 фаслу 14 зерфасл иборат мебошад.

Боби дуюми рисола - «Ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус» ба таҳқиқи хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаб бахшида шудааст. Истифода аз ин воҳиди нисбатан тому муташаккили нутқ ба салиқаю маҳорат ва ҳунари сухангустарии нависанда вобаста мебошад. Дар «Қобуснома» дараҷаи истеъмоли ҷумлаи мураккаб бартарӣ дорад. Бо назардошти, он ки мазмуну муҳтавои асар инро тақозо намудааст.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти мазкур дар баробари ин ҷиҳатҳои мусбӣ аз камбудиҳо низ орӣ нест:

1. Аз ҷумла, дар фишурда барои таҳлилҳо доираи наонқадар васеи дастурҳои таълимӣ истифода гардидааст.
2. Дар баъзе ҷойҳои кор хатогиҳои техникӣ, низ дида мешавад: (9, 11, 19).
3. Рақамгузории саҳифагӣ - фишурда бо забони тоҷикӣ, ки тамом шуд, автореферати русӣ бо рақами 1 (як) бояд сар шавад.

Аммо ин камбудиҳо арзиши аслии фишурдаро кам накардааст. Аҳаммияти дигари таҳқиқи ин мавзуъ дар он аст, ки қолабҳои таърихан мустаъмали ҷумлаҳои содаю мураккаб муайян ва равшан карда шудааст, ки барои илми наҳви муосири тоҷик хеле судманд аст.

Дар маҷмӯъ Рисолаи Давлатов Абдулмаҷид Нурович кори бaанҷомрасида ҳисобида, макола ва маводи ба чоп расонидаи муаллиф бо мавзӯи таҳқиқ мувофиқат менамояд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки фишурдаи рисолаи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзӯи

«**Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус**» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – (забони тоҷикӣ) арзишманд аст.

номзади илмҳои филологӣ, ходими калони
шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон / / Қодирова С. А.

Дода шуд: 16. 05. 2022.
Адрес: хиёбони Рӯдакӣ 21,
Тел: 900 - 92 - 02 - 43.

Имзои номзади илмҳои филологӣ:
Қодирова С. А - ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони кадри ИЗА-и ба номи
Рӯдакии Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон / / Нарзиқулова Ҳ.